10 11 2018

**Чумхурии Точикистон ба сифати давлати миллӣ ва хамчун чузъи чудонопазири чомеаи чахонӣ рушду инкишоф ёфта, маком ва манзалати назаррасеро дар фазои геополитикии олам сохиб шудааст. Дар муддати начандон тӯлонӣ, кишвари мо тавонист хамчун давлати сохибистиклол ва демократӣ масоили сиёсиву иктисодӣ ва ичтимоии дохилидавлатии худро хал намуда, мархала ба мархала дар фазои сулху оромӣ рушд кунад. Имрӯз барои кулли чомеаи чахонӣ вахдати миллии точикон хамчун дарси ибрат ба шумор рафта, аз чониби сиёсатмадорону сиёсатшиносони чахонӣ мавриди омӯзиш карор гирифтааст.**

Аммо, бо гузашти замон чунин тарзи хаёт, яъне дар фазои сулху оромӣ зистани миллати точик барои афроди алохида писанд нест. Онхо ба хар роху восита мехоханд суботи чомеаро халалдор намоянд, чавононро ба доми фиреб кашанд ва бори дигар миллати точикро ба бадбахтӣ оваранд. Ин афрод вактхои охир ба воситаи сомонахои интернетӣ аз хоричи кишвар вазъияти имрӯзаи Точикистонро ба фикру акидахои баргалати хеш шарх дода, мардумро ба бесуботӣ ва бетартибихо, ки бар хилофи конун аст, даъват мекунанд. Чанде кабл дар сомонаи мутааллик ба Ташкилоти террористӣ - экстремистии ХНИ баёнияе доир ба вазъи ВМКБ аз тарафи аъзои созмони ба ном «Паймони миллии Точикистон», аммо дар асл ТТЭ ХНИ чоп шудааст, ки далели гуфтахои болост. Максадашон аз бозтоби вазъи Бадахшон афкори нопоки хешро бар сари мардум бор кардан аст.  Мо тасмим гирифтем, ки чанд нуктаро доир ба ботил будани андешахо дар ин баёния ва нияти барангехтани бадбиниву нооором сохтани фазои кишвар аз тарафи муаллифони ин баёния нишон дихем:      Дар ибтидои баёния омадааст: «макомоти Точикистон дар як макони ором вазъияти бухронӣ эчод кардаанд; вазъияте, ки хунрезихои дигар ва кушту кушторхои шахрвандони бегунох дар Бадахшонро дар пай дорад». Ин «кушту кушторхо» аз нияти бади ин хоинон ва чизе, ки онхо барои миллати точик мехоханд, шаходат медихад.

Тамоми мардуми шарифи Точикистон Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмонро кафили сулху оромӣ дар кишвар медонанд ва ба ӯ мухаббат доранд. Зеро махз ин шахсияти тобноки таърих буд, ки миллатро аз вартаи чангу хунрезӣ начот дод, бо хиради азалии хеш дар замони сангини таърих аз гунохи мухолифини силохбадаст, ки хазорон одами бегунохро ба катл расондаанд, гузашт намуд.

Муаллифони ин баёния кӯшиш кардаанд, ки вазъияти кунунии ВМКБ - ро хеле муташаннич нишон диханд ва гӯё давлат «артиш ва нерухои вижа» - ро «алайхи шахрвандони худ» истифода бурдааст, ки ин ба хакикати хол рост намеояд. Дар ВМКБ, на танхо алайхи шахрвандон, балки бар зидди чинояткорон ягон кувва истифода нашудааст. Барои бартарафсозии мушкилоти мавчуда дар як муддати кӯтох тамоми

мардум ба ёрии макомоти давлатӣ камари химмат бастанд ва муваффак хам шуданд.
Мардуми Бадахшон хамеша бар зидди чинояткорию хукуквайронкунӣ мубориза бурда, барои пос доштани сулху оромӣ дар кишвари азизамон талош менамоянд.
Бояд гуфт, ки миллати точик дигар хеч вакт ба фиребу найранги фитнагарон бовар нахохад кард ва кору рафтори чунин афрод, ки аз хоричи кишвар ба ин давлату миллати мукаддас дар арсаи чахон дог мемонанд, харгиз нахохад бахшид, зеро хиёнат ба Ватан ва бозӣ кардан бо такдири 9 миллион нафар ахолӣ кори нобахшиданист.
Аз ин лихоз, имрӯз беш аз харвакта чомеа ва махсусан, мо - чавонони шарафманди кишварро зарур аст, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, дар атрофи Пешвои миллат сарчамъ шавем ва харгиз нагузорем, ки аз номи миллати мо чанд тан бозичаи дасти хочагони хоричӣ сухан гӯяд.

**Фирӯзи РАМАЗОН, корманди Маркази тадкикоти стратегии**
**назди Президенти Чумхурии Точикистон**